«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессор
__________ Гулназарзода Ж. Б.
« 25 » январи соли 2024

# Тақризи

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи “Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт; равобити адабӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи “Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода” ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт; равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Шоир Ғоиб Сафарзода бо такопӯю ҷустуҷӯ, завқи баланди эҷодӣ, бо навовариҳо дар эҷод намудани ашъор ва ҳам дар кори тарҷумонию рӯзноманигорӣ, дар худшиносӣ ва тақдири миллату меҳан, дар одамият ва дӯстиву рафоқат дар тӯли беш як даҳсолаи фаъолияти эҷодӣ ва умри кӯтоҳи худ ба мартабаҳои баланди эҷодӣ расид, умедворон, устодону дӯстон, наздикону пайвандон дар баҳо додан ба шахсияти ӯ, қаламу истеъдодаш хато накардаанд. Донишмандони суханшинос бар ин назаранд, ки нақши Ғоиб Сафарзода дар тарҷумаи ашъори шоирони ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ ва адибони олам ниҳоят барҷаста аст. Аслан, ашъори шоирони рус ва ашъори аз адибони дигари ҷаҳон, ки аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудааанд, хеле зиёд мебошанд. Вале тарҷумаи беҳтарин на ҳамеша насиби ҳар шоир мегардад. Таъкид шудааст, ки тарҷумаҳои Ғоиб шоҳиди маҳорати баланди ӯянд. Бо назардошти ин ки хусусиятҳои ғоявию бадеӣ, ҷанбаҳои зебошинохтии ашъор, сабку услуб ва ҳунари

шоирӣ, заминаҳои камолу боландагии Ғоиб Сафарзода ҳамчун шоир ва суханвар, то ҳанӯз ҷиддан мавриди таваҷҷуҳи адабиётшиносон ва баррасии илмӣ қарор нагирифтааст, таълифи пажуҳиши алоҳида ва нишон додани ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик, ба суди илми адабиётшиносии тоҷик хоҳад буд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқ ва аҳамияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳою натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси рисола, таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Муаллиф дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар рисола пешниҳоднамуда, корбурди усулҳои таҳқиқ, таҳлилҳои ҳисобӣ-оморӣ, шарҳу баррасии хусусиятҳои ашъори Ғоиб Сафарзода барои таъмини шеърият, ба вуҷуд овардани бадеият, мафҳуму гӯшнавоз баромадани маҳсули эҷодаш бо маҳорати том аз вазни аруз, нозукиҳои қофия ва имконоти радиф, санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ, забон ва сабки содаву фаҳмои суханофаринӣ фаъолона иштирок намудааст.

Таҳқиқи ашъори Ғоиб Сафарзода заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, дар шакли рисолаи диссертатсионӣ ба анҷом расидааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсия аз муқаддима,

се боб, сездаҳ фаслу чор зерфасл, хулосаю феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст. **Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зуҳур ёфтааст, ки нахустин бор ашъори яке аз чеҳраҳои дурахшони шеъри муосири тоҷик Ғоиб Сафарзода мавриди таҳқиқ ва баррасии алоҳида қарор мегирад. Дар рисола ба ҷанбаҳои тозаи ҳунарӣ, муҳтавои эҷодиёт, тозакориҳои адабии шоир таъкид шудааст. Ҳамзамон мазмуну мундариҷаи мероси адиб, махсусан жанрҳои шеърӣ ва ҷанбаҳои зебошинохтии ашъор, нақши зиндагинома ва таҳлили эҷодиёти ӯ бори нахуст ба таври мушаххасу дақиқ мавриди таҳлилу арзёбии амиқ қарор мегирад. **Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки натиҷа ва маводи таҳқиқӣ метавонад, барои мутахассисони риштаҳои мухталифи илми адабиётшиносӣ судманд бошад. Махсусан, пажуҳандагони риштаи таърихи адабиёт ва шеъри муосири тоҷик аз он баҳра мебардоранд.

Маводи рисола дар курси лексияҳо роҷеъ ба таърихи адабиёти муосири тоҷик, ҳамчунин курсҳои махсус, таҳияи дастурҳои таълимӣ, гузаронидани конференсияҳои илмию адабӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоир, баргузории дарсҳои иловагӣ оид ба эҷодиёти шоир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олӣ, (факултаҳои филологияи тоҷик ва журналистика) метавонад, корсоз бошад. Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи муқаррарот дараҷаи омӯзишу пажуҳиш, мақсаду вазифаҳои асосӣ, ҷанбаҳои назарию амалии диссертатсия ва навгониҳои таҳқиқ баён гардида, саҳми шахсии муаллиф, сарчашмаҳо ва манобеи таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи натиҷаи таҳқиқот ва адабиёти истифодашуда тавсиф гардидааст. Нуктаи муҳимми рисола сохтори он аст, ки дорои низоми муайяни илмӣ буда, тартиби таҳқиқи мавзуъ барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва, дар маҷмуъ, ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат менамояд. Бобу фаслҳои кор ҷиҳатҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, ба ҳам алоқамандии мантиқӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия – **«Шарҳи ҳол, фаъолияти эҷодӣ ва мероси адабии Ғоиб Сафарзода»** ном дошта, аз се фаслу ду зерфасл таркиб ёфтааст. Фасли якуми боби якум – **«Зиндагиномаи шоир ва заминаҳои ташаккулёбии шахсияти ӯ»** унвон гирифтааст. Дар ин фасл диссертант зиндагӣ ва давраи ташаккулёбии Ғоиб Сафарзодаро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. **«Равобити адабию маънавии адибони рӯзгори шоир»** – унвони зерфасли фасли мазкури боби аввал аст, ки дар он диссертант дар бораи робитаҳои адабии Ғ.Сафарзода бо муосиронаш маълумот манзур кардааст. Натиҷа ин ки шоир бо ҳамаи адибони муосири худ мисли Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Ҷумъа Одина, Убайд Раҷаб, Мастон Шералӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Шоҳҳайдар Ёдгорӣ, Ҳабибулло Файзулло, Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева, Бахтиёри Муртазо ва чанде дигарон равобити хубу босамари адабӣ ва эҷодӣ доштааст ва ин робитаҳо барои сайқал ёфтани кору фаъолияти эҷодии вай мусоидат кардааст. Фасли дуюми боби якум – **«Фаъолияти публитсистӣ ва тарҷумонии Ғоиб Сафарзода»** ном дорад. Муаллиф қайд менамояд, ки Ғоиб Сафарзода аз насли адибонест, ки ҳанӯз овони донишҷӯӣ вобаста ба пешаи интихобкарда ва меҳру муҳаббату дилбастагӣ ба адабиёт, ба журналистика, ба идораи нашрияҳои даврӣ ва маҷаллаҳо, ба телевизиону радио рафтуомад карда, аввалин шеъру ҳикоя ва мақолаҳояшро маҳз тавассути ин редаксияҳо ба табъ мерасонд. Зерфасли фасли дуюми боби якум **«Назари адибону мунаққидон ба дастовардҳои шоир ва натиҷаи фаъолияти гуногунҷабҳаи вай»** унвон гирифта, дар бобати масъулиятшиносию серталабиҳои шоир дар боби эҷод дар он сухан меравад. Фасли сеюми боби якум – **«Осори таълифии шоир ва таснифи жанрии онҳо»** ном дорад. Ғоиб Сафарзода дар муддати умри кӯтоҳ аз худ осори гаронарзише боқӣ гузоштааст ва он аз шеъру асарҳои публитсистӣ ва тарҷумаҳои ӯ иборат мебошанд. Роҷеъ ба осори публитсистию тарҷумаҳои адиб, аллакай дар фасли гузашта андешаронӣ

ва таҳлилу баррасӣ сурат гирифтааст. Ин ҷо аз такрори онҳо худдорӣ шуда, танҳо таснифу дастабандӣ ва шинохти вижагиҳои жанрии осори манзуми адиб баррасӣ шудааст.

Боби дуюми рисола **«Муҳтавои ашъори Ғоиб Сафарзода»** ном дошта, аз фаслҳои тавсифи мавзуъҳои меҳварии ашъори шоир, васфи модар ва гиромидошти вай дар ашъори шоир, тараннуми ватан ва дӯст доштани он дар ашъори шоир, тасвири баҳору Наврӯз ва табиати диёр дар ашъори шоир ва бозтоби масоили иҷтимоӣ дар ашъори шоир иборат мебошанд. Фасли якуми боби дуюмро–**«Тавсифи мавзуъҳои меҳварии ашъори шоир»** ташкил менамояд. Диссертант барҳақ таъкид ба амал овардааст, ки Ғоиб Сафарзода ба арсаи адабиёт омада, бо ҷустуҷӯҳои тозакоронаю назми навоварона ба зудии ҳайратангез дар сафи адибони кишвар мақому манзалати хешро дарёфт намуд. Ба ӯ муяссар гардид, ки дар муддати на чандон зиёд – як даҳсола дар арсаи эҷод хомаронӣ кардан дар навиштани шеър ва асарҳои публитсистӣ ба дастовардҳои назаррас комёб гардад. Фасли дуюми боби дуюмро муаллиф **«Васфи модар ва гиромидошти вай дар ашъори шоир»** номгузорӣ кардааст. Барҳақ ишора гардидааст, ки дар адабиёти имрӯзаи тоҷик шояд шоире пайдо нашавад, ки дар ин мавзуъ чизе нанавишта бошад. Дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода модар ба яке аз мавзуъҳои марказӣ табдил ёфтааст. Ин ба он маъност, ки модар шоирро ҳам модарвор ва ҳам падарвор таълиму тарбия карда, ба камол расондааст. Ғоиб Сафарзода меҳру муҳаббат ва садоқати бепоёну беандозаи худро ба модари меҳрубон, ба каромоту бузургии модар, бо арҷгузорӣ ба ғамгусорию заҳматҳои кашидаи ӯ дар бавоярасонии фарзанд изҳор дошта бо ин, эътиқодманд аст, ки то оламу одам боқист, модар ва ному пайкори ӯ сазовори ситоишҳои олист. Фасли сеюми боби дуюм–**«Тараннуми ватан ва дӯст доштани он дар ашъори шоир»** унвон гирифтааст. Мавзуи Ватан дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи хоса дорад. Ватан маконест, ки инсон дар домони он зода мешавад, бузург мегардад, хонавода бунёд месозад, дар оғӯши он пайвандони худро

парвариш медиҳад. Мусаллам аст, ки муҳаббату садоқат ба Модар, ба Ватан садоқат ба зодгоҳ дар замири шахс гармӣ ва ҳарорат медиҳад. Вале, ба ҳар ҳол, ин ҳар ду эҳсос бо ҳам тавъам ва ногусастанӣ буда, дар замир ва хуну қалб гоҳ туғён менамоянд. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, табиӣ ва бадеист, ки аввалин чакидаҳои шогирдонаи хомаи шоир Ғоиб Сафарзода маҳз ба зодгоҳи азиз, деҳаи Муллоҷони дараи Шикоргаҳи ноҳияи Ховалинг бо чӣ муҳаббату садоқат, дилкашолӣ бахшида шудаанд. Фасли чоруми боби дуюм–**«Тасвири баҳору Наврӯз ва табиати диёр дар ашъори шоир»** ном дорад. Дар ин фасл диссертант осори ба тавсиф ва тасвири Наврӯз ва табиати диёр бахшидашударо баррасӣ намудааст. Дар диссертатсия таъкид гардидааст, ки Ғоиб Сафарзода мавзуи баҳору Наврӯз ва дилрабоиву назаррасии табиати диёрро низ бисёр дӯст медошт. Фасли панҷуми боби дуюм – **«Бозтоби масоили иҷтимоӣ дар ашъори шоир»** ном дорад. Дар ин фасл масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ дар ашъори шоир мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Шеъри иҷтимоӣ ва созандаи Ғоиб Сафарзода амсоли шеъри шоирони ҳамзамону ҳамқадам ва ҳамфикр заминист ва ҳам ӯ худ шоири заминист, Заминро гиромӣ медошту муътабар ба қалам меовард. Боби сеюми диссертатсия–**«Ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода»** ном дорад. Асоси ин бобро корбурди ҳунармандонаи вазн дар ашъори шоир, ҳунари қофиоороии шоир, нақши радиф дар ашъори шоир, ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода, забон ва сабки нигориши шоир ташкил менамояд. Фасли якуми ин боб – «**Корбурди хунармандонаи вазн дар ашъори шоир**» буда, дар он ишора меравад, ки вазн аз унсурҳои зотии каломи манзум ба ҳисоб меравад. Ғоиб Сафарзода бо истеъдоди воло, табъи мавзун ва ҳамаи он фазилате, ки барои шоирӣ лозим аст, тамоми ашъори худро дар вазни аруз суруда, маҳорати дар ин самт доштаашро ба таври барҷаста бармало кардааст. Дар кор қайд шудааст, ки таваҷҷуҳи вай то авзони хушоянди арузӣ ва корбурди вофири онҳо, гуфтаҳои болоро тасдиқ месозад. Фасли дуюми боби сеюмро–«**Ҳунари**

**қофияороии шоир»** ташкил намудааст. Дар ин фасл маҳорати эҷодии шоир дар масъалаи қофияороии шеър мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Шоир қофияро ҳам дар ашъори суннатияш ва ҳам дар ашъори озодаш ба кор бурдааст. Аз он ҷумла, дар ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, фард ва ғайра шоир на танҳо қонунмандии жанрҳои мазкурро дар қофияи маъмулияшон риоя кардааст, балки имконоти дохилии қофияро дар таъмини мухтаво ва бадеияти онҳо истифода намудааст. Фасли сеюми боби сеюм–**«Нақши радиф дар ашъори шоир»** унвон дорад, ки дар бораи ҳунари радифсозии Ғ. Сафарзода баҳс мекунад. Ғоиб Сафарзода дар сафи шуарои боистеъдоду аз табиати забону шеъри тоҷикӣ огоҳ бо масъулият ва ҳунармандӣ аз радиф фаровон истифода кардааст, ки наваду хафт дарсади ашъори гуногунжанри адибро фаро гирифтааст. Радифҳои ашъори шоир аз як калима, таркиб ва баъзан. ибораю ҷумла ва мисраи том ташкил ёфтааст. Фасли чоруми боби сеюм – **«Ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода»** номида шудааст. Диссертант вобаста ба моҳияти масъала фасли мазкурро ба зерфаслҳо тақсим намудааст. Зерфасли якуми фасли чоруми ин боб–**«Санъатҳои маънавӣ»** номгузорӣ шудааст. Тавре муаллиф қайд мекунад, Ғоиб Сафарзода, ки худ шоири тасвиргаро буд, бинобар ин ӯ бештар ба мазмуну манзараофарӣ майл дошт ва кӯшиш менамуд, ки шеърҳояш шаклан ва мазмунан зебо бошанд. Зерфасли дуюми фасли чоруми боби сеюм–**«Санъатҳои лафзӣ»** номида шудааст. Дар ашъори Ғоиб Сафарзода муаллифи диссертатсия зиёда аз нуҳ навъи марғуби санъатҳои лафзиро пайдо кардааст, ки ҳар яке аз онҳо дар баробари тафаннуноти каломи шоирро таъмин кардан, нақши созгореро дар баёни андешаи ӯ гузоштаанд. Аз ҷумлаи онҳо: тарсеъ, таҷнис, зуқофиятайн, ҳоҷиб, такрор, баргардониш, илтизом, иштиқоқ ва ғайра мебошанд. Фасли панҷуми боби сеюм–«**Забон ва сабки нигориши шоир»** унвон шудааст. Дар ин фасл таъкид ёфтааст, ки Ғоиб Сафарзода дар шеърҳои худ калимаву ибора ва таркибҳоеро мавриди истифода қарор додааст, ки дар

баробари шевову рангин буданашон, инчунин маънии сода, шинос ва фаҳморо дороанд ва ба гуфтори мардум хеле наздик ҳам мебошанд.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф дар 13 сархат натиҷаҳои таҳқиқоти хешро ҷамъбаст карда, маҳорату истеъдоди воло ва нотакрори ин адиби ҷавонмаргро собит намудааст. Феҳристи адабиёти дар диссертатсия истифодашуда бо мавзуи таҳқиқнамудаи муаллиф таносуби мантиқӣ дошта, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқикро комилан таъмин менамоянд.

Дар адабиётшиносии тоҷик ашъори Ғоиб Сафарзода бори нахуст дар шакли рисолаи диссертатсионӣ мавриди таҳқиқоти бисёрпаҳлу қарор гирифта, баррасию муайян кардани хусусиятҳои асосии мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ аз навгониҳои илмии таҳқиқ маҳсуб мешаванд. Бинобар нав ва актуалӣ будани мавзуи таҳқиқ, натиҷаҳои онро метавон дар корҳои минбаъдае, ки иртибот бо назми охирҳои даврони шуравӣ ва даврони Истиқлолияти адабиёти тоҷик доранд, аз ҷумла дар мураттаб сохтани барномаҳои дарсӣ, китобҳои дарсиву таълимӣ, васоити гуногуни таълимӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ва дигар навъҳои корҳои илмӣ-таълимӣ истифода кард.

Вале дар баробари муваффақиятҳо, рисолаи унвонҷӯ Мирзоева Маҳтовбӣ аз баъзе камбудию ноқисиҳо низ орӣ нест, ки мавҷудияти онҳо муваффакиятҳои умумии корро андаке халалдор менамоянд. Аз ҷумла:

1. Ба андешаи мо, зерфаслҳои фаслҳои якуму дуюми боби 1-умро вобаста ба рӯзгор ва фаъолияти Ғоиб Сафарзода ва мавзуъҳои марказии ашъори ӯ ба қисматҳои алоҳида тақсим кардан ҷоиз набуд.

2. Бояд қайд намуд, ки дар таҳқиқоти унвонҷӯ ҷанбаи тавсифӣ бештар мушоҳида мешавад ва чун таҳқиқоти илмӣ ғайр аз муайян намудани ҷиҳатҳои мусбату шоистаи тавсифи маҳсули адабиву зеҳнӣ, ҳамчунин, баррасии нуктаҳои танқидиро низ фарогир аст, хубтар мешуд, муаллиф дар мавриди ашъори Ғоиб Сафарзода аз нуқтаи назари интиқоди илмӣ низ таваҷҷуҳ мекард.

3. Чунонки аз фаслҳои чорум ва панҷуми боби сеюм дида мешавад, ҷойгоҳи санъатҳои бадеии маънавӣ, лафзӣ ва забону сабки нигориши шоир ба таври хеле мухтасар мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Бинобар ин, беҳтар мебуд, агар ба ин мавзуоти мавриди таҳқиқ боби алоҳида бахшида мешуд.

4. Хубтар мешуд, агар дар рӯйхати адабиёти илмӣ сарчашмаҳои интернетии истифодашуда низ ба таври алоҳида зикр мегардиданд.

5. Дар кор гоҳо хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо салоҳи корро ба вуҷуд меоварад.

Вале бояд қайд кард, ки эродҳову хатоҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши аслии таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевнаро кам намекунанд, зеро аксари онҳо ислоҳпазиру таҳриршаванда мебошанд.

Автореферати диссертатсия ҳам муҳтаво ва мавзуи умумии онро пурра инъикос менамояд. Мақолаҳои дар охири автореферат дарҷгардида, ки иборат аз 13 номгӯй мебошанд, бо мавзуи кор комилан мувофиқат намуда, 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ФР тасдиқшуда чоп гардидаанд.

Аннотатсияи диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода», ки таҳти роҳбарии доктори илмҳои филологӣ Шоҳзамон Раҳмонов иҷро шудааст, кори илмию тахассусии ба охиррасида буда, арзишманд дониста мешавад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсия Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 04 – Таърихи адабиёт; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 25-уми январи соли 2024, суратҷаласаи № 6 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**номзади илми филология, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Шамсов Н. С.**

**Эксперт:**
**доктори илми филология, профессори**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Давлатбеков Л. М.**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илми филология, дотсенти**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Боев Ш. Э.**

**Имзоҳои н.и.ф. Н. С. Шамсов, д.и.ф. Л. М. Давлатбеков**
**ва н.и.ф. Ш. Э. Боевро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода** **Юсупова Б. Ғ.**

**734019, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев17/6.**
**Тел: (+992 37) 232-50-00;**
E-mail: shamsov1960@mail.ru

**25-уми январи соли 2024**